# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, №10, мод. 100)**

Ҳамин Қонун асосҳои умумии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад, усулҳои муносибати мутақобилаи онро бо давлат муқаррар менамояд.

**Моддаи 1. Мафҳуми Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Палата) ташкилоти ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ мебошад ва корхонаҳо ва соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид месозад.

Палатаи савдои саноатӣ ҳамчун ташкилоти ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ фаъолияти хоҷагидории худро танҳо вобаста бо иҷрои вазифаҳои оинномавии худ анҷом медиҳад ва фоидаи бадастомадаро дар байни аъзои худ тақсим намекунад.

Палатаи савдои саноатӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузорӣ дар бораи Палатаи савдои саноатӣ**

Қонунгузорӣ дар бораи Палатаи савдои саноатӣ аз ҳамин Қонун, дигар қонунҳо ва асноди ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Амали ин Қонун ба аъзои Палатаи савдои саноатӣ ҳангоми анҷом додани фаъолияте, ки бо узвият дар Палатаи савдои саноатӣ вобаста намебошад, татбиқ намегардад.

Номи «Палатаи савдои саноатӣ» ва ибораҳое, ки дар асоси он сохта шудаанд, танҳо дар номи ташкилотҳое истифода шуда метавонанд, ки аз тарафи Палата мутобиқи муқаррароти ҳамин Қонун таъсис дода шудаанд.

Дигар ташкилотҳо ҳақ надоранд, ки дар номҳои худ ибораҳои «палатаи савдои саноатӣ», «палатаи савдо», «палатаи саноат»-ро истифода намоянд ва онҳо набояд бо номҳое, ки ин калимаҳоро дар ҳамин гуна ибораҳо дарбар мегиранд, ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

**Моддаи 3. Мақсадҳо ва вазифаҳои асосии Палатаи савдои саноатӣ**

1. Палатаи савдои саноатӣ фаъолияти худро бо мақсади мусоидат ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамгироии он ба низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ, ташаккули зербинои муосири муносибатҳои бозаргонӣ, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, танзими муносиботи соҳибкорон бо шариконии иҷтимоии онҳо, тараққии ҳамаҷонибаи соҳибкорӣ, робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникии соҳибкорони Тоҷикистон бо соҳибкорони кишварҳои хориҷӣ анҷом медиҳад.

Палатаи савдои саноатӣ вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:

- ба корхонаҳо, соҳибкорон ва иттиҳодияҳои онҳо кумак мерасонад, онҳоро намояндагӣ мекунад ва манфиатҳои онҳоро оид ба масъалаҳое, ки ба анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ, аз ҷумла дар хориҷа вобастаанд, ҳимоя менамояд;
- дар асоси шартномаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои асоси ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони Тоҷикистонро дар соҳаи тиҷорати байналхалқӣ, моликияти саноатӣ ва зеҳнӣ амалӣ мегардонад;
- ба рушди ҳамаи навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаҳои хоҷагии халқ ва корхонаҳо мусоидат мерасонад;
- муносибати мутақобиларо дар байни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамкории мутақобилаи онҳоро бо давлат дар симои мақомоти он, ҳамчунин шариконии иҷтимоӣ ташкил мекунад;
- вазифаҳои намояндагии аъзои Палатаро дар ташкилотҳои байналхалқии тиҷоратӣ, молиявӣ ва дигар созмонҳои иқтисодӣ анҷом медиҳад;
- ба инкишофи низоми таҳсилот ва тарбияи кадрҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мерасонад, дар таҳия ва татбиқи барномаҳои байнидавлатӣ дар ин соҳа ширкат менамояд;
- ба соҳибкорон, иттиҳодияҳо, иттифоқҳо, ассотсиатсияҳои онҳо хизматҳои иттилоотӣ мерасонад, ба ташкили зербинои хизматрасонии иттилоотии соҳибкорӣ мусоидат мекунад;
- ба рушди содироти молу маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ аз ҷумҳурӣ мусоидат мекунад, ба корхонаҳо ва соҳибкорони Тоҷикистон дар гузаронидани амалиёт дар бозори берунӣ ва аз худ кардани шаклҳои нави ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ кумаки амалӣ мерасонад;
- ҳайатҳои хориҷӣ, намояндагони доираҳои соҳибкорон ва миссияҳоро қабул мекунад, ба ҷустуҷӯи шарикон ва барқарор намудани робитаҳои корӣ мусоидат мерасонад, ҳамчунин барои соҳибкорони Тоҷикистон, ки ба дигар кишварҳо мераванд, чунин вазифаҳоро иҷро мекунад;
- оид ба масъалаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хизматҳои иттилоотию машваратӣ мерасонад;
- дар байни соҳибкорони Тоҷикистон ва шарикони хориҷӣ вазифаҳои миёнаравиро анҷом медиҳад;
- бо палатаҳои савдо ва дигар ташкилотҳои ҳаммонанд дар хориҷа робитаҳо барқарор мекунад ва онҳоро инкишоф медиҳад, бо палатаҳо ва ташкилотҳои мазкур созишномаҳо мебандад, миссияҳо ва ҳайатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ташкил мекунад;
- бо супориши ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ оид ба сифат, назорати миқдор ва пуррагии молу маҳсулот экспертизаҳо мегузаронад;
- таҳсил ва коромӯзии мутахассисонро барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъҳои таҳсилро, аз ҷумла дар хориҷа ташкил мекунад;
- доир ба тарҷума, аз ҷумла тарҷумаи шифоҳии асноди техникӣ, маводи маълумотию рекламавӣ ва дигар мавод хизмат мерасонад;
- фаъолияти рекламавиро, ки барои иҷрои вазифаҳои палатаи савдои саноатӣ ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аъзои он зарур аст, анҷом

медиҳад, лоиҳаҳо тартиб медиҳад ва низоми намоишро барои соҳибкорони Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ таъин мекунад, аломатҳои молу маҳсулот, нишонаҳои фирма, намунаҳои саноатӣ ва дигар тарҳҳои ороиширо таҳия менамояд;

- дар ҳудуди ваколатҳои доштааш дар мавриди роҳ надодан ба рақобати ғайрисолим ва шарикии ғайри қобили корӣ ва пешгирии онҳо тадбирҳо меандешад;

- дар танзими баҳсҳое, ки дар байни корхонаҳо, соҳибкорон ба вуҷуд меоянд, кумак мерасонад.

Палата ҳамчунин мутобиқи қонунҳо ва асноди қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар вазифаҳоро низ анҷом медиҳад.

**Моддаи 4. Принсипҳои фаъолияти Палатаи савдои саноатӣ**

Палатаи савдои саноатӣ фаъолияти худро дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ, баробарии аъзои он ва худидоракунӣ ба роҳ мемонад.

**Моддаи 5. Муносиботи мутақобилаи Палатаи савдои саноатӣ бо мақомоти давлатӣ**

Палатаи савдои саноатӣ дар ҷараёни иҷрои ӯҳдадориҳои худ бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ мекунад.

Давлат назоратро аз болои фаъолияти Палатаи савдои саноатӣ дар асоси ҳамин Қонун ва дигар асноди қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

Дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти Палата, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, мумкин нест.

**Моддаи 6. Таъсиси Палатаи савдои саноатӣ**

Палатаи савдои саноатӣ бо ташаббуси на камтар аз панҷ муассис таъсис дода мешавад. Муассисони Палатаи савдои саноатӣ анҷумани (конференсияи) муассис ё маҷлиси умумиро даъват мекунанд, ки дар он Оиннома қабул карда ва мақомоти роҳбарикунандаи Палата таъсис дода мешаванд.

**Моддаи 7. Узвият дар Палатаи савдои саноатӣ**

Ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои онҳо аъзои Палатаи савдои саноатӣ буда метавонанд.

Узвият дар Палатаи савдои саноатӣ ҳуқуқ медиҳад, ки аъзои он:

дар қабули қарорҳо дар анҷуманҳо, дар кори дигар мақомоти Палата, ҳамчунин дар таъсиси мақомоти мазкур мутобиқи муқаррароти дар асноди муассис зикршуда ширкат намоянд;

аз имтиёзот ва ҳуқуқе, ки дар асноди муассиси Палатаи савдои саноатӣ пешбинӣ шудаанд, истифода баранд.

**Моддаи 8. Оинномаи Палатаи савдои саноатӣ**

Оинномаи Палатаи савдои саноатӣ бояд нуқоти зеринро пешбинӣ намояд:

а) ном, мақсадҳо ва вазифаҳои Палата;

б) шароит ва тартиби қабул ба узвияти Палата ва хориҷ шудан аз он;

в) ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзои Палата;

г) салоҳият ва тартиби таъсиси мақомоти роҳбарикунандаи Палата, мӯҳлатҳои ваколатҳои мақомоти роҳбарикунанда ва тартиби аз тарафи онҳо қабул шудани қарорҳо;

д) манбаъҳои бавуҷудоии маблағҳо ва дигар амволи Палата ва тартиби истифодаи онҳо;

е) сохтори Палата;

ж) тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Палата;

з) тартиби қатъи фаъолияти Палата;

Дар Оиннома ҳамчунин муқаррароти дигар низ, ки ба фаъолияти Палатаи савдои саноатӣ мансубанд, пешбинӣ шуда метавонанд.

Оинномаи Палатаи савдои саноатӣ набояд бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат дошта бошад.

**Моддаи 9. Бақайдгирии давлатии Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Бақайдгирии давлатии Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ амалӣ карда мешавад». (ҚҶТ аз 29.12.10г №647)**

**Моддаи 10. Ҳуқуқи Палатаи савдои саноатӣ**

Палатаи савдои саноатӣ дорои тамоми ҳуқуқе, ки барои иҷрои мақсадҳо ва вазифаҳои он заруранд ва бо ҳамин Қонун ва Оинномаи он муайян карда шудаанд, мебошад. Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақ дорад, ки:

1) дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар асноди меъёрӣ дар соҳаи иқтисод, амалӣ намудани робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, ҳамчунин доир ба масъалаҳое, ки ба манфиатҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дахл доранд, ширкат намояд;

2) манфиатҳои қонунии аъзои худро дар мақомоти давлатӣ ва дигар мақомот намояндагӣ ва ҳимоя намояд;

3) бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба корхонаҳо ва соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ дар патентонии ихтироот, колбадҳои муфид, намунаҳои саноатӣ, бақайдгирии аломаҳои молу маҳсулот, нишонаҳои хизматрасонӣ ва номгӯи ҷойҳои асли баромади молу маҳсулот кумак расонад;

4) ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷа муомилот аз ҷумла муомилоти тиҷоратии хориҷӣ, кредитӣ, векселӣ, амалиёт бо саҳмияҳо ва дигар коғазҳои арзишнок ва дигар амалиётро бо ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ анҷом диҳад;

5) ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷа амволи манқул ва ғайриманқулро созад, харидорӣ намояд, бегона кунад, ба иҷора гирад ва ба иҷора диҳад;

6) ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи дар ҷумҳурӣ кушодани намояндагиҳои палатаҳои савдо, ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳои соҳибкорон, ҳамчунин фирмаҳо ва ташкилотҳои хориҷие, ки ба ҳамкорӣ бо онҳо Палата ва аъзои он манфиатдоранд, бо

дарназардошти мушахассоти фаъолияти онҳо, пешниҳодҳо манзур намояд;

7) бо супориши корхонаҳо ва соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ экспертиза, назорати сифат, миқдор ва пуррагии молу маҳсулоти содиротӣ ва воридотӣ, аз ҷумла ашёи хом ва таҷҳизотро гузаронад;

8) сифатномаҳои асли бароммади молу маҳсулот, ҳамчунин дигар асноди марбут ба анҷом додани фаъолияти иқтисодии хориҷиро тасдиқ намояд;

9) феҳристи ғайридавлатии корхонаҳо ва соҳибкоронеро, ки вазъи молиявӣ ва иқтисодии онҳо дар бораи эътимоднокии онҳо ҳамчун шарикон дар фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷа шаҳодат медиҳад, пеш барад;

10) намоишҳои байналхалқӣ ташкил намояд, ҳамчунин омода ва доир намудани намоишҳои молу маҳсулоти ватаниро дар хориҷа таъмин созад;

11) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷа корхонаю муассисаҳо ташкил намояд, таҷдиди ташкил диҳад ва барҳам диҳад, ҳамчунин дар ташкили корхонаҳои мушгарак, утоқҳои тиҷорат ва дигар сохторҳо ширкат намояд;

12) филиалҳо ва намояндагиҳои худро, аз ҷумла дар хориҷа кушояд;

13) барои таъмини фаъолияти соҳибкорӣ рузномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи нашаротиро интишор диҳад;

14) усулҳои пешбурди фаъолияти худро мустақилона муайян намояд, сохтор, ҷадвали штатӣ, теъдоди кормандон, шакл ва андозаҳои музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддии меҳнати онҳоро муқаррар созад;

15) дигар ваколатҳоеро, ки бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта бошанд, амалӣ намояд.

Асноди ҳуқуқие, ки аз тарафи Палатаи савдои саноатӣ дар ҳудуди салоҳияти он дода шудаанд, дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор доранд.

Ҳуқуқҳои Палатаи савдои саноатӣ дар Оинномаи он инъикос ва бо тартиби пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 11. Моликияти Палатаи савдои саноатӣ**

Палатаи савдои саноатӣ метавонад дар моликияти худ биноҳо, иншоот, таҷҳизот, саҳмияҳо, дигар коғазҳои арзишнок ва амволи дигари алоҳидае, ки барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ заруранд, дошта бошад.

Корхонаҳое, ки аз тарафи Палатаи савдои саноатӣ таъсис дода шудаанд, амволи мавҷудаи худро дар доираи ваколатҳои ба онҳо аз тарафи Палата додашуда мутобиқи мақсадҳо ва вазифаҳое, ки бо оинномаҳои онҳо, ҳамчунин шартномаҳои дар байни Палатаи савдои саноатӣ бо корхонаҳои мазкур басташуда пешбинӣ гардидаанд, истифода мебаранд ва ихтиёрдорӣ мекунанд.

Манбаи маблағҳои Палатаи савдои саноатӣ ҳиссаҳои дохилшавӣ ва ҳаққи узвият, даромадҳо аз фаъолияти худӣ ва фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои таъсисдодаи он ва дигар маблағҳои воридшуда мебошанд.

Маблағҳои Палатаи савдои саноатӣ барои таъмини фаъолияти он ва таъсиси фондҳои он истифода бурда мешаванд.

Ҳангоми аз Палатаи савдои саноатӣ хориҷ шудани аъзои он ҳаққулузвиятҳои пардохтшуда баргардонида намешаванд ва даъво ба ҳиссаи амволи Палатаи савдои саноатӣ қабул карда намешавад.

Ҳуқуқи моликияти Палатаи савдои саноатӣ бо қонун муҳофизат карда мешавад.

**Моддаи 12. Масъулияти Палатаи савдои саноатӣ**

Палатаи савдои саноатӣ барои ӯҳдадориҳои худ бо амволе, ки ба он таалluқ дорад, масъул аст.

Палатаи савдои саноатӣ барои ӯҳдадориҳои аъзои худ масъулият надорад ва аъзои он низ барои ӯҳдадориҳои Палатаи савдои саноатӣ масъул намебошанд.

Палатаи савдои саноатӣ барои ӯҳдадориҳои корхонаҳои таъсисдодаи худ масъулият надорад ва корхонаҳои мазкур низ барои ӯҳдадориҳои Палатаи савдои саноатӣ масъул намебошанд.

**Моддаи 13. Робитаҳои байналхалқии Палатаи савдои саноатӣ ва ширкат дар ташкилотҳои байналхалқӣ**

Палатаи савдои саноатӣ мутобиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи худ метавонад робитаҳои мустақими байналхалқӣ дошта бошад ва созишномаҳои дахлдор бандад.

Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои аъзои худро дар Палатаи байналхалқии савдо, Ассотсиатсияи байналхалқӣ оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ, Бюрои байналхалқии намоишҳо, Ташкилоти байналхалқии меҳнат, ҳамчунин дигар ташкилотҳои байналхалқӣ дар масъалаи марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ намояндагӣ мекунад.

Барои иҷрои вазифаҳои худ Палата филиалҳо ва намояндагиҳои худро дар хориҷа таъсис медиҳад, ҳамчунин ҳақ дорад, ки якҷоя бо кишварҳои хориҷӣ палатаҳои тиҷоратӣ ва тиҷоратию саноатии муштарак таъсис диҳад.

**Моддаи 14. Шартномаҳои байналхалқӣ**

Агар дар шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳое муқаррар шуда бошанд, ки аз қоидаҳои ҳамин Қонун фарқ дошта бошанд, он гоҳ қоидаҳои шартномаи байналхалқӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. РАҲМОНОВ**
**ш. Душанбе 22 маи соли 1998**
**№603**

**ҚАРОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Оиди мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, №10, мод. 101)**

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пас аз интишори расмиаш мавриди амал қарор дода шавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки ташкилотҳои то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қайд гирифташуда ва онҳое, ки дар номи худ ибораҳои «палатаи савдо», «палатаи саноатӣ» ё «палатаи савдои саноатӣ»-ро истифода мебаранд, вазифадоранд мутобиқи Қонуни мазкур аз нав ба қайд гирифта шаванд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- қарорҳои худро ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ гардонад;
- аз тарафи вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда шудани санадҳои меъёрии онҳоро, ки хилофи ҳамин Қонун мебошанд, таъмин намояд.

**Раиси Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С. РАҶАБОВ**
**ш. Душанбе 22 маи соли 1998**
**№604**